ҚАРОРДОДИ ДАВЛАТӢ № 520266 аз 26.07.2024 ОИД БА ТАҲВИЛИ МОЛ БАРОИ ЭҲТИЁҶОТИ ДАВЛАТӢ

ДИ ПҶТ (минбаъд Ташкилоти харидор), ҶДММ "МЕҲРВАРЗ" (минбаъд Молрасон), ки дар маҷмӯъ “Тарафҳо” номида мешаванд, бо риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ”, қарордоди мазкурро дар хусуси зерин ба имзо расониданд:

1 МАВЗӮИ ҚАРОРДОД

1.1 Мутобиқи шартҳои қарордоди мазкур, Молрасон ӯҳдадор аст, ки ба Ташкилоти харидор Молро бо миқдор, нарх ва тавсифоти техникӣ тибқи Замимаи №1, ки қисми ҷудонашавандаи қарордоди мазкур мебошад, ба Ташкилоти харидор расонад ва Ташкилоти харидор ӯҳдадор аст, ки Молро бо тартибе, ки тибқи қарордоди мазкур муайян карда шудааст, қабул ва пардохт намояд. Рамзи мушаххаси харид 422653

1.2 Молрасон кафолат медиҳад, ки мол ба гарав гузошта нашудааст, мавриди ҳабс қарор надорад ва шахсони сеюм ба он ҳуқуқ надоранд.

1.3 Моли таҳвилшуда бояд нав бошад (молҳое, ки истифода нашудаанд, таъмир, аз ҷумла бо роҳи барқарорсозӣ, иваз кардани ҷузъҳо, барқароркунии хосиятҳои истеъмолӣ, карда нашудаанд) ва нуқсонҳои марбут ба сохт, мавод ё кор ҳангоми истифодаи онҳо дар шароити муқаррарӣ дошта набошад.

2 НАРХИ ҚАРОРДОД

2.1 Нархи умумии қарордод {contract_sum} сомониро ташкил медиҳад.

2.2 Нархи умумии қарордод инҳоро дар бар мегирад: Нархи таҳвил бояд ҳамаи хароҷоти таҳвили молро ба маҳалли таҳвили фармоишгар дар бар гирад, аз ҷумла хароҷоти пардохти андозҳо ва пардохтҳо ба буҷет, суғурта, интиқол, борфарории молҳо ва дигар хароҷотҳоро дар бар гирад ва ҳеҷ гуна ӯҳдадориҳои иловагии молиявӣ ба Фармоишгар вогузор накунад.

3 МУҲЛАТИ ТАҲВИЛ

3.1 Таҳвили мол тибқи муҳлат ва шартҳо зерин анҷом дода мешавад: 10 руз

3.2 4 МАҲАЛИ ТАҲВИЛ

4.1 Мол ба суроға/шарти зерин таҳвил карда мешавад: Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, Кучаи Шестопавлов 2

4.2 5 ПАРДОХТ

5.1 Пардохт тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби Молрасон, ки дар қарордоди мазкур нишон дода шудааст, тибқи шарт ва муҳлатҳои зерин анҷом дода мешавад: гайринакди

5.2 Андозаи пешпардохт ташкил медиҳад: 50

6 ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

6.1 Молрасон уҳдадораст:

6.1.1 Молро дар ҳаҷми пешбинишуда дар муҳлати тибқи банди 3.1 қарордоди мазкур муқарраршуда ба Ташкилоти харидор расонад.

6.1.2 Мутобиқати моли таҳвилшавандаро ба сифат ва талаботи тавсифоти техникӣ таъмин намояд.

6.1.3 Дархости Ташкилоти харидорро дар хусуси огоҳсозии он ҷиҳати омодагии Молрасон ба таҳвил, вақт ва санаи дақиқи таҳвили мол қонеъ намояд.

6.1.4 Эътирози Ташкилоти харидорро нисбати сифат, таснифотӣ техникӣ, тарзи бастубандӣ ва хусусиятҳои дигари Мол баррасӣ намуда, дар асоси дастури Ташкилоти харидор Мол ё қисми онро иваз намояд ё нуқсонҳои ошкоргардидаи Молро аз ҳисоби худ дар муҳлати аз ҷониби Ташкилоти харидор муқарраршуда бартараф намояд.

6.1.5 Мутобиқи дархост Ташкилоти харидорро оид ба рафти иҷрои уҳдадориҳои худ аз рӯи қарордоди мазкур ва мушкилоту монеаҳои ҷойдошта огоҳ намуда, намояндагони ваколатдори Ташкилоти харидорро ба иншооти худ, ки ба иҷрои уҳдадориҳои қарордоди мазкур алоқаманданд, бидуни дахолати Ташкилоти харидор ба фаъолияти хоҷагидорӣ, роҳ диҳад.

6.1.6 Дар мавриди зарурат ва мутобиқи дархост ба Ташкилоти харидор ҳуҷҷатҳо ва маълумоти пурра оид ба Мол, шартҳои кафолат, тартиб ва муҳлати хизматрасонии техникии Мол пешниҳод менамояд.

6.1.7 Андозҳо ва пардохтҳои дигари ҳатмиро, ки аз иҷрои қарордоди мазкур бармеоянд, саривақт пардохт намояд.

6.2 Молрасон ҳуқуқ дорад:

6.2.1 Пардохти Молро мутобиқи шарт ва муҳлатҳои бо бандҳои 5.1 ва 5.2. қарордоди мазкур пешбинишударо аз Ташкилоти харидор талаб намояд.

6.2.2 Аз Ташкилоти харидор талаб намояд, ки молро бо барасмиятдарории санади дахлдор қабул намояд.

6.2.3 Дар мавриди поймол гардидани ҳуқуқҳои пешбининамудаи бандҳои 6.2.1 ва 6.2.2 қарордоди мазкур ба мақоми ваколатдор оид ба хариди давлатӣ муроҷиат намояд.

6.3 Ташкилоти харидор уҳдадораст:

6.3.1 Молрасонро мутобиқи дархост ҷиҳати омодагӣ ба қабули мол огоҳ намуда, барои санҷиш ва қабули мол шароити зарурӣ фароҳам оварад.

6.3.2 Барои қабули Мол комиссияи дахлдор ташкил карда, дар ҳолати надоштани эътироз нисбати миқдор, сифат, таснифотӣ техникӣ, тарзи бастубандӣ ва хусусиятҳои дигари Мол, қабули Молро бо ба расмият даровардани санади дахлдор анҷом диҳад.

6.3.3 Арзиши молро, ки мутобиқи банди 2.1 муқаррар карда шудааст, бо дарназардошти бандҳои 5.1., 5.2. ва 6.3.2 қарордоди мазкур пардохт намояд

6.3.4 Назорати рафти иҷрои қарордодро таъмин намуда, дар ҳолати аз ҷониби Молрасон ба таври матлуб иҷро нагардидани уҳдадориҳое, ки мутобиқи қарордоди мазкур вогузор карда шудааст, мақоми ваколатдор оид ба хариди давлатиро хабардор намояд.

6.4 Ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад:

6.4.1 Аз Молрасон иҷрои матлуби уҳдадориҳоеро, ки мутобиқи қарордоди мазкур вогузор карда шудааст, талаб намояд.

6.4.2 Қабули молро дар мавриди доштани эътироз нисбати миқдор, сифат, таснифотӣ техникӣ, тарзи бастубандӣ ва хусусиятҳои дигари Мол рад намояд.

6.4.3 Дар ҳолати аз ҷониби Молрасон ба таври матлуб иҷро нагардидани уҳдадориҳое, ки мутобиқи қарордоди мазкур вогузор карда шудааст, нисбаташ чораҳои пешбининамудаи банди 7.1 қарордоди мазкурро татбиқ намояд.

7 МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО

7.1 Молрасон барои иҷро нагардидан ё ба таври матлуб иҷро нагардидани уҳдадориҳои қарордоди мазкур ба Ташкилоти харидор барои ҳар рӯзи ба таъхир гузоштани муҳлати иҷрои уҳдадориҳои дахлдори қарордод ҷарима ба андозаи 0,01 фоиз аз арзиши уҳдадориҳои иҷронагардида месупорад.

7.2 Пардохти ҷарима Молрасонро аз иҷрои уҳдадориҳои қарордод озод наменамояд.

7.3 Молрасон аз пардохти ҷарима озод карда мешавад, агар исбот кунад, ки иҷро нагардидан ё ба таври матлуб иҷро нагардидани уҳдадориҳои қарордоди мазкур бинобар ҳолатҳои фавқулодда ё ногувор (қувваи рафънопазир) ба миён омадааст. Ба чунин ҳолатҳо, аз ҷумла вайрон кардани уҳдадорӣ аз тарафи контрагентҳои Молрасон, дар бозор мавҷуд набудани молҳои барои иҷрои қарордоди мазкур зарурӣ ва дар ихтиёри Молрасон надоштани маблағи зарурӣ дохил намешаванд.

7.4 йМолрасон барои истифодаи маблағҳои давлатӣ, ки ҳамчун пешпардохт ба суратҳисоби у гузаронида шуда, қарордоди мазкур бинобар иҷро нагардидан бо айби Молрасон бекор карда шуд, ба Ташкилоти харидор ноустуворӣ дар ҳаҷми меъёри миёнаи бозтамвил, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар давраи иҷро нагардидани уҳдадорӣ муқаррар намудааст, пардохт менамояд.

7.5 Масъулияти тарафҳо дар ҳолатҳои дигар мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

8 ТАРТИБИ ТАНЗИМИ БАҲСҲО

8.1 Ҳангоми ба вуҷуд омадани баҳсҳо ва ихтилофи назар оид ба иҷрои қарордоди мазкур, Тарафе, ки эътирози Тарафи дигарро қабул намудааст, вазифадор аст онро баррасӣ намуда, ҷавобро дар давоми понздаҳ рӯзи баъди пешниҳоди эътироз дар шакли хаттӣ ирсол намояд.

8.2 Ҳангоми рад намудани эътироз ё дар давоми муҳлати пешбининамудаи банди 8.1 қарордоди мазкур пешниҳод накардани ҷавоб, Тарафи манфиатдор ҳуқуқ дорад ба суд муроҷиат намояд.

9 АМАЛ, ТАҒЙИР ВА БЕКОР КАРДАНИ ҚАРОРДОД

9.1 Қарордоди мазкур аз рӯзи баимзорасии он аз ҷониби Тарафҳо ё дар сурати мувофиқаи Тарафҳо аз рӯзи пешниҳод намудани кафолати таъмини иҷрои қарордод, агар он талаб карда шавад, мавриди амал қарор дода мешавад.

9.2 Қарордоди мазкур то 31.12.2024 ё муҳлати дигар, ки барои иҷрои пурраи уҳдадориҳо зарур мебошад, амал мекунад.31.12.2024

9.3 Баъди аз ҷониби тарафҳо имзо намудани қарордоди харид ба он ворид намудани дигар шартҳо манъ аст, агар онҳо боиси тағйири мӯҳтавои дархости тендерӣ гарданд.

9.4 Тағйиру иловаҳои ба қарордоди мазкур вориднамудаи Тарафҳо, ки хилофи муқаррароти банди 9.3 қарордоди мазкур мазкур мебошанд, беэътибор дониста мешаванд.

9.5 Мақомоти ваколатдор оид ба хариди давлатӣ метавонад нисбат ба тағйиру иловаҳои ба қарордоди мазкур аз ҷониби Тарафҳо воридгардида тибқи тартиби судӣ даъво пешниҳод намояд.

9.6 Ташкилоти харидор дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдор оид ба хариди давлатӣ ҳуқуқ дорад ҳангоми тағйирёбии ҷиддии ҳолатҳо, ки тарафҳо зимни бастани қарордоди мазкур дар назар доштанд ва тағйироте, ки пешбиниашон дар лаҳзаи бастани қарордоди мазкур имконнопазир буд ва ҳамзамон агар иҷрои қарордоди мазкур метавонад хилофи манфиатҳои давлат бошад, бо тартиби яктарафа қарордоди мазкурро бекор кунад.

9.7 Ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад қарордоди мазкурро дар давоми як моҳи фарорасии ҳолатҳои пешбининамудаи банди 9.6 қарордоди мазкур, ки ба ӯ маълум гардидааст, бекор намояд.

9.8 Агар қарордоди мазкур тибқи ҳолатҳои пешбининамудаи банди 9.6 қарордоди мазкур бекор карда шавад, барқарор намудани ҳуқуқҳои тарафҳо аз рӯи принсипи барқароркунии (реституцсияи) дутарафа ва ҷуброни зиёни расонидашуда анҷом дода мешавад.

10 ЗАМИМАҲО

10.1 Замимаҳои зерин қисми ҷудонашавандаи қарордоди мазкур мебошанд:

11 МАҲАЛИ ҶОЙГИРШАВӢ ВА РЕКВИЗИТҲОИ БОНКИИ ТАРАФҲО

ДИ ПҶТ	ҶДММ "МЕҲРВАРЗ"
Суроғаи ҳуқуқии муштарӣ	**Суроғаи ҳуқуқии таъминкунанда**
020007249	180018678
Маълумоти бонкии муштарӣ	**Маълумоти бонки таъминкунанда**
ННО муштарӣ имзокунанда	**ННО имзокунандаи таъминкунанда**

Замимаи №1

Номи маҳсулот	Хусусиятҳои мол	Хусусияти иловагӣ	Кишвари истеҳсолкунанда	Воҳиди ченкунӣ	Теъдод, ҳаҷм	Нархи як воҳид	Маблағи умумии

ПРАВИТЕЛЬСТВЕННОЕ СОГЛАШЕНИЕ № 520266 от 26.07.2024 ПО ДОСТАВКЕ ТОВАРОВ ДЛЯ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ПОТРЕБНОСТЕЙ

ИА ПРТ (далее - Закупающая организация), с одной стороны и ООО "МЕҲРВАРЗ" (далее - Поставщик), вместе именуемые «Стороны» с другой стороны, совместно именуемые «Стороны» в соответствии с Законом Республики Таджикистан «О государственных закупках товаров, работ и услуг», заключили настоящий договор о нижеследующем:

1 ПРЕДМЕТ ДОГОВОРА

1.1 В соответствии с условиями настоящего Договора Поставщик должен доставить Закупающей организации Товар в количествах, ценах и технических характеристиках в соответствии с Приложением №1, которое является неотъемлемой частью настоящего Договора, а Закупающая организация должна принять и оплатить в соответствии с настоящим Договором. Идентификационный номер закупки 422653

1.2 Поставщик гарантирует, что товар не будет заложен, не подлежит аресту и третьи лица не имеют на него права.

1.3 Поставляемый товар должен быть новым (товар, который не использовался, не ремонтировался, в том числе путем восстановления, замены комплектующих, восстановления потребительских свойств) и не должен иметь дефектов связанных с конструкцией, материалом или работой при их использовании в обычных условиях.

2 ДОГОВОРНАЯ ЦЕНА

2.1 Общая сумма Договора в национальной валюте составляет {contract_sum} сомони

2.2 Общая сумма Договора включает: Цена поставки должна включать все расходы по доставке товара к оговоренному Заказчиком месту поставки товара, включая расходы по оплате налогов и платежей в бюджет, страхованию, перевозке, разгрузке товара и прочие расходы, и не налагать на Заказчика никаких дополнительных финансовых обязательств.

3 СРОК ПОСТАВКИ

3.1 Доставка товара осуществляется со следующими сроками и условиями: 10 дней

3.2 4 МЕСТО ПОСТАВКИ

4.1 Товар будет доставлен по следующему адресу/ условиям: Душанбе, р-н Фирдавси, Улица Шестопавлова 2

4.2 5 ОПЛАТА

5.1 Оплата производится безналичным способом на счет Поставщика, указанный в настоящем Договоре, в соответствии со следующими условиями: безналичны

5.2 Размер первоначального взноса составляет: 50

6 ПРАВА И ОБЯЗАННОСТИ СТОРОН

6.1 Поставщик обязан:

6.1.1 Доставить товар в Закупающую организациию в количестве, в указанные сроки, установленного в соответствии с пунктом 3.1 настоящего Договора.

6.1.2 Обеспечить качество поставляемого товара в соответствии с техническими требованиями.

6.1.3 Удовлетворить запрос Закупающей организации об уведомлении Поставщика о готовности к доставке, точном времени и дате доставки.

6.1.4 Рассмотреть возражение Закупающей организации по качеству, технической классификации, способу упаковки и другим характеристикам Товара и заменить товар или его часть либо устранить выявленные дефекты за свой счет в срок, установленный Закупающей организацией.

6.1.5 По запросу Заказчика, оповестить о ходе выполнения обязательств по настоящему Договору и о существующих трудностях и препятствиях, а также разрешать уполномоченным представителям Заказчика посещать объекты, связанные с выполнением обязательств по настоящему Договора, без вмешательства Заказчика в хозяйственную деятельность.

6.1.6 При необходимости и по запросу предоставить Закупающей организации полную документацию и информацию о Товаре, условиях гарантии, порядке и сроках технического обслуживания Товара.

6.1.7 Своевременно оплачивать налоги и другие обязательные платежи, вытекающие из исполнения настоящего Договора.

6.2 Поставщик имеет право:

6.2.1 Осуществить оплату за товар в соответствии со сроками и условиями указанными в пунктах 5.1 и 5.2.

6.2.2 Требовать от Закупающей организации принять товар при оформлении соответствующего документа.

6.2.3 В случае нарушения прав предусмотренных пунктами 6.2.1 и 6.2.2 настоящего договора обратиться в уполномоченный орган по государственным закупкам.

6.3 Закупающая организация обязана:

6.3.1 Уведомлять Поставщика по запросу о подготовке товара и создании необходимых условий для осмотра и приемки товара.

6.3.2 Принять Товар в установленном порядке, сформировать соответствующую комиссию, а при отсутствии возражений по объему, качеству и другим особенностям Товара своевременно принять Товар путем оформления соответствующего документа

6.3.3 Стоимость товара установливается в соответствии с п. 2.1 и с учетом пп. 5.1., 5.2. и п. 6.3. данного Договора.

6.3.4 Обеспечить контроль за исполнением Договора и уведомить уполномоченный орган по

государственным закупкам, в случае ненадлежащего исполнения Поставщика своих обязательств по настоящему Договору

6.4 Закупающая органзация имеет право:

6.4.1 Требовать от Поставщика надлежащего выполнения, своих обязательств по настоящему Договору.

6.4.2 Отказаться в приеме товара в случае возражений относительно количества, качества, технической классификации, способа упаковки и других характеристик Товара.

6.4.3 В случае ненадлежащего исполнения Поставщика обязательств, возложенных на него по настоящему Договору, применить к нему меры, предусмотренные пунктом 7.1 настоящего Договора.

7 ОТВЕТСТВЕННОСТЬ СТОРОН

7.1 Поставщик оплачивает Заказчику штраф в размере 0,01% от стоимости невыполненных обязательств за каждый день просрочки исполнения соответствующих обязательств по Договору.

7.2 Выплата штрафа не освобождает Поставщика от выполнения своих договорных обязательств.

7.3 Поставщик освобождается от оплаты штрафа, если докажет, что невыполнение или ненадлежащее исполнение обязательств настоящего договора возникло из-за чрезвычайных или неблагоприятных обстоятельств (непреодолимой силы). К таким обстоятельствам не относятся, в том числе нарушение обязательств со стороны контрагентов поставщика, отсутствие на рынке товаров, необходимых для исполнения настоящего Договора, и отсутствие у поставщика необходимых средств.

7.4 Поставщик несет ответственность за использование государственных средств, перечисленных как авансовые платежи на его счет, и в связи с невыполнением обязательств по вине поставщика, выплачивает Закупающей организации неустойку в размере средней ставки рефинансирования, установленной Национальным банком Таджикистана на период невыполнения обязательств.

7.5 Ответственность сторон в иных случаях определяется законодательством Республики Таджикистан.

8 ПОРЯДОК УРЕГУЛИРОВАНИЯ СПОРОВ

8.1 В случае возникновения споров и разногласий по поводу выполнения настоящего Договора, Сторона принявшая возражение другой Стороны, рассмотрит его и отправит письменный ответ в течение пятнадцати дней после подачи возражения.

8.2 В случае отклонения возражения или непредставления ответа в срок, указанный в п. 8.1 настоящего Договора, заинтересованная Сторона вправе обратиться в суд.

9 ДЕЙСТВИЕ, ИЗМЕНЕНИЕ И РАСТОРЖЕНИЕ ДОГОВОРА

9.1 Настоящий Договор вступает в силу с даты его подписания Сторонами или, по согласованию Сторон с даты предоставления гарантии исполнения Договора, если это необходимо.

9.2 Данный Договор действует до 31.12.2024 или другие сроки, необходимые для выполнения обязательств.

9.3 Запрещается внесение в нее других условий после подписания сторонами настоящего Договор, если они влекут за собой изменение содержания тендерной заявки.

9.4 Изменения и дополнения внесенные Сторонами в настоящий Договор, противоречащие положениям пункта 9.3 настоящего Договора, считаются недействительными.

9.5 Уполномоченный орган по государственным закупкам может обжаловать в судебном порядке изменения и дополнения, внесенные Сторонами в настоящий Договор.

9.6 Закупающая организация по согласованию с уполномоченным органом по государственным закупкам вправе в одностороннем порядке расторгнуть настоящий Договор при существенных изменениях, предусмотренных сторонами при заключении настоящего Договора, также если исполнение настоящего договора может противоречить интересам государства.

9.7 Закупающая организация вправе расторгнуть настоящий Договор в течение одного месяца со дня наступления обстоятельств, предусмотренных пунктом 9.6 настоящего Договора.

9.8 Если настоящий Договор расторгается по обстоятельствам, предусмотренным пунктом 9.6 настоящего Договора, восстановление прав сторон производится по принципу двусторонней (реституции) и возмещения причиненных убытков.

10 ПРИЛОЖЕНИЯ

10.1 Приложения являются неотъемлемой частью настоящего договора:

11 МЕСТОПОЛОЖЕНИЕ И БАНКОВСКИЕ РЕКВИЗИТЫ СТОРОН

ИА ПРТ	ООО "МЕҲРВАРЗ"
Юридический адрес закупающей организации	**Юридический адрес поставщика**
020007249	180018678
Банковские реквизиты закупающей организации	**Банковские реквизиты поставщика**
ФИО подписывающего закупающей организации	**ФИО подписывающего поставщика**

Приложение 1

Наименование продукта	Характеристика товаров	Дополнительная характеристика	Страна производитель	Единица измерения	Количество	Цена за ед	Общая сумма